**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ Сидиқов Дилшод Аҳрорович ба диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023, 185 саҳ.)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар илми ҳуқуқи маданӣ мушаххасан яке аз масоили мубраме, ки таҳқиқоти мукаммали илмиро металабад ин проблемаҳои институтсионалии шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ба шумор меравад. Зеро соҳаи коммуналӣ чунин сохти муҳити моддӣ-технологиеро мефаҳмонад, ки дар он тамоми қисмҳои он низоми ягонаи тақсимнашударо дар назар дорад ва бидуни таҳдиди таҷзияи он наметавонанд мустақил гарданд. Вазифаҳо доир ба нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори коммуналиро одатан на маҷмӯи субъектони хусусии манфиатҳои хешро амалисозанда, балки давлати манфиати ҷамъиятиро ифодакунанда иҷро мекунад, ки низоми дахлдори идоракуниро ташкил медиҳад ва тавассути мақомотҳои марказии идоракунӣ қоидаҳои умумии истифодаи инфрасохтори коммуналиро барои ҳамаи субъектони хоҷагидор муайян мекунад.

Изофа ба ин аз ҷониби диссертант низ таъкид мегардад, ки дар хоҷагидории манзили ҶТ соҳаи коммуналӣ дар мавҷудияти низоми ягонаи таъминоти ҳаёт барои қисми асосии фонди манзил зоҳир мегардад. Тарроҳии ин низомҳо чунин ба роҳ монда шудааст, ки дар ҳар як қитъа стандартҳои муқарраршудаи хизматрасонӣ ва шароитҳои

ягонаи истифодабарӣ нигоҳ дошта мешаванд. (саҳ. 20). Низомҳои коммуналӣ истеҳсолоти муттасили хизматрасонии коммуналиро ба миён меоранд. Бо вуҷуди ин, сохтори он баъзе саҳеҳиро талаб мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ хизматрасонии коммуналӣ бештар тавассути номбаркунии хизматрасонии гуногуне, ки нисбати манзилҳои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ амалӣ мешавад, муайян карда мешавад. (саҳ. 21).

Дар ин робита, таҳти таърифи ҳуқуқии мафҳуми «хизматрасонӣ» танҳо худи интиқоли захираҳои қайдшуда, фаъолият оид ба интиқоли захираҳо тавассути шабакаҳои мухталифи муҳандисӣ фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, фаъолият оид ба интиқоли захираҳо (алоҳида аз захираҳо) барои истеъмолкунандагон аҳамият надорад, барои онҳо худи захираҳо дар манзилҳои истиқоматӣ ва биноҳои бисёрхонагӣ муҳим мебошад.

Аз гуфтаҳои дар боло қайдшуда, мафҳуми хизматрасонии коммуналиро дар таҳрири зерин ифода кардан мумкин аст: «таҳти мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ намуди махсуси фаъолияти ташкилотҳои мушаххасгардонидашуда (захиратаъминкунанда) фаҳмида мешавад, ки баҳри фароҳам овардани неъмати махсуси ғайримоддӣ, дар шакли муҳайё кардани шароити зарурии зист барои истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) дар биноҳои истиқоматӣ бо роҳи таъмин намудани сифати муназзам ва дахлдори захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаҳои мухталифи муҳандисӣ нигаронида шудааст».(саҳ. 23).

Чунин намуди объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ, аз қабили хизматрасонӣ танҳо дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо вуҷуд дорад. Қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқӣ таҳти мафҳуми хизматрасонӣ фаъолиятеро мефаҳманд, ки натиҷаи онҳо ифодаи моддӣ надоранд, дар ҷараёни амалисозии ин фаъолият ба амал бароварда шуда, истеъмол мешаванд.

Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – “Хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби якум – “Мафҳум, аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ”** ном дошта, дар он муаллифи рисола мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии коммуналиро таҳлил намуда, хизматрасонии коммуналиро аз рӯйи меъёрҳои гуногун таҳти таснифот қарор додааст.

Албатта ишора рафтааст, ки мақсади меҳварии таснифоти хизматрасонии коммуналиро беовсита мушаххас намудани моҳияти илмии он ва боз ҳам равшану возеҳ гардонидани ҳолати кунунӣ ва дурнамои танзими меъёрии самти мазкур ташкил менамояд.

**Зербоби дуюми боби якум – "Манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ"** ном дорад. Аз таҳлили меъёрҳои манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ муаллифи рисола хулосабарорӣ кардааст, ки захираҳои коммуналӣ, аз қабили неруи барқ, оби нӯшокӣ ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, яъне таъмини неруи барқ, таъмини оби нӯшокӣ, рафъи обҳои партов дар сатҳи санадҳои зерқонунӣ дар доираи истифодаи захираҳои коммуналӣ ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба танзим дароварда мешавад.

**Зербоби сеюми боби якум – "Хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ"** ном дошта, дар он шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бо шартномаҳои махсуси обтаъминкунӣ, барқтаъминкунӣ, газтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ, рафъи обҳои партов ва шартномаҳои дигар инъикос мегардад. Муаллифи рисола хусусиятҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки таҳлили унсурҳои реҷаи соҳавии танзими ҳуқуқӣ нишон додааст, ки муносибатҳо оид ба хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ ба воситаи танзими муносибатҳои тарафайн оид ба хизматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои ба даст овардани захираҳои коммуналӣ сурат мегирад.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хизматрасониҳои коммуналӣ ҳамчун мавзӯи шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ»** номгузорӣ гардида, фарогири чор зербоб мебошад.

**Зербоби якуми боби дуюм – "Тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ"** ном гирифтааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур таъкид шудааст, ки ташкилотҳои идоракунии биноии бисёрхонагиро баамалбароранда истеъмолкунандагони захираҳои коммуналӣ намебошанд, онҳо вазифаи ташкилкунандаи алоқаҳои шартномавиро байни ташкилоти захиратаъминкунанда ва истеъмолкунандагони маишии дар биноии бисёрхонагӣ истиқоматкунандаро иҷро мекунанд.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – "Шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ"** диссертант қайд намудааст, ки худи мафҳуми ҳуқуқии идоракунии биноҳои бисёрхонагиро дар ду маъно фаҳмида мешавад: - дар маънои объективӣ идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ - ин институти ҳуқуқие мебошад, ки низоми меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии танзимкунандаро дар назар дорад ва дар сурати аз ҷониби субъекти идоракунанда баамалбарории таъсири мақсаднок ба рафтори соҳибмулкони манзил ва дигар шахсон оид ба таъмини хизматрасонии молу мулки умумӣ дар биноии бисёрхонагӣ, таъмини хизматрасонии

коммуналӣ ба миён меояд; - дар маънои субъективӣ идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ – ин ухдадории маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳӣ аз ҷониби субъекти идоракунанда ба воситаи иҷрои маҷмӯи амалҳои воқеӣ ва ҳуқуқии таъсирот ба рафтори соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ ва дигар шахсон оид ба таъмини хизматрасонии молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ, таъмини хизматрасонии коммуналии ба ноилшавии мақсадҳои бо қонун муқарраршуда равонашуда, мебошад.

**Зербоби сеюми боби дуюм – "Шартномаи таъминоти барқ дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дорад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия масъалаи табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ баҳсталаб хоҳад монд. Гарчанде баъзе олимон шартномаи таъмини баркро ҳамчун шартномаи маҳсулотсупорӣ, шартномаи пудрат ҳисобида, дар он унсурҳои ин шартномаҳоро муттаҳид мегардонанд, ҳамчунин шумораи зиёди олимон шартномаи таъмини барқро ба шартномаи хариду фурӯш тааллуқ медоранд.

**Зербоби чоруми боби дуюм – "Таъмини аҳолии шаҳр бо гармӣ ва танзими шартномавии он"** ном дорад. Дар доираи таҳқиқот диссертант зикр менамояд, ки шартномаи таъмини гармӣ ба шартномаи таъмини энергия ҳамчун намуд ба навъ тааллуқ дорад ва дорои аломатҳои махсусе мебошад, ки барои ҷудо кардани он ба намуди алоҳидаи шартномаи таъмини энергия имкон медиҳад. Ба чунин аломатҳо дохил мешаванд, якум, мавзуи махсуси шартнома – энергияи гармӣ ва амалҳо оид ба таҳвили он; дуюм, ҳайати махсуси субъектӣ – ташкилоти гармитаъминкунанда, истеъмолкунанда, инчунин шахсе, ки дар моликияти ӯ шабакаҳои гармӣ қарор доранд; сеюм, самти махсуси мақсадноке, ки дар таҳвили пулакии энергияи гармӣ ба моликияти истеъмолкунанда тавассути шабакаи пайваста зоҳир мегардад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии **Атаев Акмалхон Саидумарович** бо дарназардошти мубрамияти самти танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ яке аз таҳқиқот-ҳои аввалин дар мавзуи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматарсонии коммуналӣ мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алалхусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, таъмини захираҳои коммуналӣ, ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ пешниҳод шудаанд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиханд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Боиси зикр мебошад, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ асос меёбад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович аҳаммияти баланди илмӣ-амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ба таври васеъ истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудбудаи самти мазкур, мусоидат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи манзил ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда мавриди истифода қарор гирад. Аҳаммияти амалии таҳқикот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро истифода намуд.

Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ низ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи манзил ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар таҳқиқот ба масъалаи соҳибмулкони манзил таҳлилҳо гузаронида бошад ҳам аммо ба таври мушаххас нисбат ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дақиқи онҳо андешарони накардааст. (саҳ. 61). Бо ин назардошт аз диссертант пурсида мешавад, ки дар мавриди ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мазкур равшани андохта бошад.

2. Ба муаллиф тависия дода мешавад, ки дар оянда дар доираи таҳқиқоти мазкур дар баробари ғояҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин таҷрибаи мамлакатҳои иттиҳоди аврупо ва ҳуҷҷатҳои барномави низ бештар мавриди истифода қарор диҳад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Словянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д. А.

Имзои Сидиқов Д. А.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«28» 03 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:**
734024, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: +992 227-53-37, 227-86-48
E-mail: p.rektora@mail.ru, sabkar@list.ru
Факс: 221-35-50